**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 49/ве

аз «16» 08 соли 2022

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи манъ намудани воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

Муқаррароте, ки лоиҳа пешбинӣ менамояд, ба манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор машғуланд, вобастагӣ дорад.

Дар лоиҳа маҳдудиятҳо вобаста ба воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор бо рамзи 8539322001 ва ӯҳдадорӣ оид ба

истеҳсоли лампаҳои каммасрафи нуридиодии аз ҷиҳати экологӣ безарар барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст.

Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

Лоиҳа барои танзими манъи воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таъмини аҳолӣ бо лампаҳои аз лиҳози экологӣ безарар меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.